INNOVATIVE WORLD

# YANGI RENESSANS

## RESPUBLIKA ILMIY JURNALI

## 2025



+998945668868

www.innoworld.net

Google Scholar doi zenodo OpenAIRE

INNOVATIVE WORLD

# YANGI RENESSANS

## RESPUBLIKA ILMIY JURNALI

## TO'PLAMI

2 - JILD, 1 - SON
2025

Google Scholar
digital object identifier
ResearchGate
zenodo
ADVANCED SCIENCE INDEX
OpenAIRE
Academic Resource Index ResearchBib
Directory of Research Journals Indexing

www.innoworld.net

O'ZBEKISTON-2025

# Зикри шуарои тошкандӣ дар “Маҷолис ун-нафоис”-и Навоӣ

**Ҳасан СОДИҚОВ**
**магистранти соли дуввуми факултети филолия ва забонҳои Шарқи хориҷӣ**

Чоч аз қадим яке аз марказҳои ривоҷёфтаи замони худ буд. Аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву маданӣ хеле вусъат дошт. Пайдоиши муҳити адабии Чочро ба асри XIII нисбат додаанд. Вале муҳити илмиву фарҳангии он ҳанӯз аз асрҳои VIII-IX ташкил ёфта буд. Зеро дар Чоч муҳаддисони зиёде бо илми ҳадис фаъолият доштанд. Чуноне ки дар китоби “Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон” оварда мешавад, Шош аз охирҳои асри X то ибтидои асри XIII дар ҳайъати давлати Қарахониён ва Қаракидониён буд. Ибтидои асри XIII Тошкандро шоҳи Хоразм Муҳаммади Хоразмшоҳ забт кард ва бо амри ӯ соли 1214 шаҳр хароб ва сокинонаш муҳоҷир шуданд. Соли 1220 вилояти Шош ба тасарруфи муғулҳо гузашт. Дар асри XIV бошад, онро Темур ба давлати худ ҳамроҳ карда, ба яке аз калонтарин қалъаҳо табдил дод. Маҳз дар асрҳои XIV-XVI муҳити адабии Тошканд нуфузи хоса пайдо намуд. Зеро дар ин давра як қатор шоирони тавонманд ба мисли Бадри Чочӣ, Лутфии Шошӣ (1366-1465), Мавлоно Улои Шошӣ, Орифии Фаркатӣ, Мавлоно Фаркатӣ, Дарвешбек ибни Мирзо Алӣ, Дайрии Тошкандӣ, Садрии Тошкандӣ ва дигарон ба майдони адаб омаданд.

Зикри Лутфии Шошӣ, Мавлоно Улои Шошӣ, Орифии Фаркатӣ ва Дарвешбек ибни Мирзо Алӣ дар “Маҷолис ун-нафоис”-и Алишер навоӣ омадааст. Навоӣ тазкираи “Маҷолис ун-нафоис”-ро соли 1491-92 навишта, соли 1497-98 дубора ба он иловаҳо ворид намудааст. Дар тазкираи шарҳи аҳволу ашъори 458 нафар шоири асри XV ва ибтидои асри XVI зикр шудаанд. Дар тазкира зикри чанд нафар шоирони тошкандӣ низ ҷой гирифтааст. Навоӣ дар бораи онҳо мухтасар сухан карда, аз намунаи эҷоди онҳо танҳо як-ду байт намуна меорад. Аз мавлуду фавти онҳо ё аз мероси адабиву миқдори ашъори онҳо маълумоте намедиҳад.

**Лутфии Шошӣ (1366-1465).** Ҷойи таваллуд ва вафоти Лутфӣ ҳанӯз муайян нагардидааст. Бархе аз маъхазҳо ӯро аз Ҳирот хонанд, бархе дигар аз аҳли Тошканд медонанд. Масалан, Алишер Навоӣ дар “Маҷолис ун-нафоис” зодгоҳ ва ҷойи вафоти ӯро Деҳиканори тобеи шаҳри Ҳирот зикр намудааст [19. 331]. Аммо шабакаи интернетии Shosh.uz бо такя бо истинодҳо аз “Фунун-ул-балоға”-и Шайх Аҳмад Тарозӣ, ки ба Мирзо Улуғбек бахшида шуда буд, Лутфиро бо нисбати Шошӣ зикр намудааст. Ин манбаъ дар оғоз қайд менамояд, ки то кашфи “Фунун-ул-балоға” аҳли илму адаб дар ин фикр будаанд, ки Лутфӣ аз

аҳли Ҳир аст, аммо мувофиқи маълумоти Шайх Аҳмади Тарозӣ ин гумон ҳам ба миён меояд, ки Лутфӣ аслан тошкандӣ буда, дар муҳити адабии Ҳирот ба камол расидааст. Албатта, маълумоти Навоӣ саҳеҳтар менамояд. Зеро Лутфӣ аз ҳамзамонони ӯ буд ва ҳатто Навоӣ бо ӯ вохӯрӣ ҳам кардааст. Дар бораи чунин шоире, ки худ ба дидораш мушарраф шудааст, маълумоти нодуруст доданаш мумкин нест. Аммо, нисбати "Шошӣ" доштани Лутфиро ба инобат гирифта, тахмини тошкандиюласл будани онро ҳам рад карда наметавонем. Шояд аслан тошкандиюласл буда, дар Ҳирот ба воя расида бошад, мисли ин ки Сайидо низ насафӣ буд, аммо дар Бухоро зода ва ба камол расидааст. Мувофиқи баёни Навоӣ Лутфии Шошӣ шоир ва мутафаккири хуб будааст. Дар бораи маҳорати шоирии ӯ чунин менависад: "Ул замонининг маликулкаломи эрди. Форсий ва туркийда назири йӯқ эрди... Форсийда қасидагӯй устодларидин кӯпининг мушкул шеърлариға жавоб айтибдур ва яхши айтибдур." [19. 331]. Лутфии Шошӣ қисми асосии умрашро бо таҳсили илм ва эҷоди бадеӣ гузаронда, дар охири ҳаёташ дар радифи "офтоб" шеъре менависад, ки бисёре аз шоирон ба он татаббӯъ бастаанд:

Эй зулфи шабмисолат сояпарвар офтоб,
Шоми зулфатро ба ҷои моҳ дар бар офтоб. [19. 331]

Бино ба гуфтаи Навоӣ ҳеҷ як татаббӯи ҳамзамонони шоир дар фасоҳату зебоӣ ба пояи матлаъи шеъри шоир нарасидаанд. Лутфӣ дар охири умраш матлаъи зеринро аз ғазал оғоз намуда, аз Шаҳобиддин Хиёбонӣ дархоста будааст, ки онро ба охир расонида, ба девонаш дохил намояд:

Гар кори дили ошиқ бо кофари Чин афтад,
Беҳ з-он, ки ба бадхӯӣ бемеҳрӣ чунин афтад. [19. 332]

Мувофиқи маълумоти тазкира Лутфӣ аз аҳли тасаввуф дар силки муридони Шаҳобиддин Хиёбонӣ будааст ва худи муаллиф низ аз файзи дуоҳои ӯ баҳравар гаштааст.

**Мавлоно Улои Шошӣ.** Алишер Навоӣ дар бораи Мавлоно Улои Шошӣ чунин мегӯяд: "Каси донишманд буд. Мардум ӯро ба хуштабъӣ мусаллам медоштанд." [19. 310] Маълум мегардад, ки ӯ замоне дар Самарқанд зиста, байни фузалои Самарқанд бо муаммокушоияш шуҳрат ёфтааст. Аз ин рӯ, ӯро бо Мавлоно Шарафиддин Яздӣ баробар медонистаанд. Вохӯрии Навоӣ бо Мавлоно Улои Шошӣ ҳам дар Самарқанд иттифоқ афтода будааст. Навоӣ ба аёдати Улои Шошӣ, ки пояш шикаста буд, рафта, байти муаммоеро, ки аз он номи "Уло" ҳосил мешуд, мегузорад:

Дур бод аз ту дарду раҳмати по,
Душманатро бало насибу ъано. [19. 310]

Дар ҷавоби Навоӣ Уло, ки то ҳанӯз шоири бузургро нашинохта буд,

кӣ будани меҳмони худро пурсуҷӯ менамояд ва дарёфта, аз шогирдаш байти муаммое ба унвони "Навоӣ" аз паси ӯ мефиристад, ки ин аст:

Чашми ту маро диду манаш нек надидам,
Чун сер бубинам зи ту ин аст умедам. [19. 310]

Чи тавре ки Навоӣ мегӯяд, Мавлоно Улои Шошӣ бо ҳамин дарди по аз олам гузаштааст. Қабраш ҳам дар Самарқанд будааст. Дар бораи мероси адабии ин шоир Навоӣ дигар маълумоте наовардааст, аммо аз он ҷо ки худи Навоӣ ба аёдати ин шахсият рафтааст, маълум мегардад, ки аз шоирони маъруфи замонаш будааст.

**Дарвешбек.** Номи ин шоир дар тазкираи «Дарвешбек Мирзо Алӣ Эгу Темур» зикр гардидааст. Чуноне ки аз насабаш маълум аст, ӯ аз авлоди темуриён аст. Навоӣ дар ситоиши Дарвешбек табъи бағоят хуб дошт ва чун абнои ҷинсаш касе набуд гуфта, як байташро мисол меорад:

Бубин ба қабри шаҳидат, ки куштаи ситамаст,
К-аз оташи дилу аз новаки туаш аламаст. [19. 336]

Муайян нест, ки Дарвешбек дар Тошканд зода ва ба камол расида бошад. Аммо дар охири тазкира Навоӣ дар истилои Тошканд талаф гардидани Дарвешбекро бо ҳасрат баён менамояд. Инчунин, дар феҳристи номгӯи ҷойҳои ҷуғрофии тазкира номи ин шоир дар қатори шоирони тошкандӣ ҷой дода шудааст. Ба ин далел метавон ӯро шоири тошкандӣ ҳисобид.

**Ориф Фаркатӣ.** Дар бораи ҷойи таваллуди ин шоир низ ихтилофҳо мавҷуд аст. Навоӣ Ориф Фаркатиро «аз ноҳияи Фаркати Самарқанд аст» мегӯяд [19. 405], аммо олимон ба он ақидаанд, ки ноҳияи Фаркат дар таркиби Тошканд буд. Ин маълумот дар поварақи ҳамон саҳифа оварда шудааст.

Навоӣ барои исботи иқтидори баланди шоирӣ доштани Фаркатӣ як байти зебои ӯро мисол меорад.

Дар ҳолати такаллум аз нозукӣ забонаш,
Барги гулест гӯё дар ғунчаи даҳонаш. [19. 405]

Ҳамин тариқ, дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишер Навоӣ чанд тан аз шоирони тошкандӣ зикр гардидаанд, ки ҳанӯз шарҳи ҳол ва осори онҳо ба пуррагӣ ва мукаммал омӯхта нашудааст. Таъин намудани зодгоҳи баъзе аз онҳо, хусусияти ашъори шоирони тошкандиюласли дар тазкира зикршуда барои муайян намудани вазъи инкишофи муҳити адабии Тошканд дар асрҳои миёна, сайри таърихии ташаккули он, мавқеи ин муҳити адабӣ ва саҳми ин намояндагон дар рушди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ молики аҳамият аст.

**Феҳристи адабиёти истифодашуда**

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Маскав: Чопхонаи марказӣ, 1926. - 656 с.

2. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. Душанбе: Маориф, 1990. -334 с.
3. Муҳаммад бин Ҷарир Табарӣ. “Таърихи Табарӣ”. Ҷилди 9. Теҳрон: “Асотир”, 1375 ҳичрӣ.

4. Муҳаммадҷонов А. Қанғ-қадимги Тошкент ва тошкентликлар. Тошканд: “Sharq”, 2009.

5. Саъдиев С. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих. Тошканд: "Ўзбекистон миллий энциклопедияси" Давлат миллий нашриёти, 2012.- 400 саҳ.
6. Саъдиев С. “Самарқанд адабий муҳити тарих кўзгусида”. Самарқанд: “Фан”, 2009. -358 с.

7. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. Душанбе: Ирфон,1967, -302 с.

8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди II. – Москва: Советская энсклопедия, 1969.

9. Ҳодизода Р. Каримов У. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои ХУ1 – XIX ва ибтидои асри XX. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с

10. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи “Бадоеъ ул-вақоеъ”. Душанбе-“Ирфон”, 1989, -335
11. Алишер Н. Куллиёт. Ҷилди 9. Тошканд, 2013

12. Мутрибии Самарқандӣ. (Таҳия, тавзеҳ ватаҳқиқи Мағфират Қурбоналиева). “Тазкирату-ш-шуаро”. Хуҷанд-“Хуросон”, 2021, -465

13. Шамс Қайси Розӣ. Ал-мўъҷам. Душанбе: Адиб, 1991, -464
14. Пажўҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот.
15. Vazhaju.tj
16. Kitobam.com
17. UzA.uz
18. Shosh.uz
19. Wikipedia.org
20. kh-davron.uz